# ХОНИШИ ИДОРАВӢ-СИЁСӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

16 сентябри соли 2026 тибқи нақшаи хонишҳои идоравӣ-сиёсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардид. Хонишро муовини директори Пажӯҳишгоҳ оид ба илм ва инноватсия, доктори илмҳои филологӣ Маҳмудзода О. ифтитоҳ намуда, зимни суханронӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот, татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ ва рушди муносибати босалоҳият дар раванди таълим таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Мавсуф дар идомаи сухан бо такя ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки: «Самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок ва давра ба давра ҷорӣ намудани он дар ҳамаи зинаҳои таълим талаби замон мебошад». Таъкид гардид, ки татбиқи чунин муносибат аз кормандони соҳаи маориф омӯзиши навгониҳои илмиву таълимӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадам ва такмили мунтазами маҳорати касбиро тақозо менамояд. Дар идома Котибова Шарифа Пирмаҳмадовна, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллӣ, дар мавзуи «Технологияи педагогии ба рушди шахсият нигаронидашуда» маърӯза намуд. Ҳамчунин, Шарифова Санавбар Саъдуллоевна, ходими пешбари илмии шуъба, дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим» суханронӣ кард. Зимни баромадҳо масъалаҳои рушди шахсияти хонанда, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, истифодаи усулҳои муосири педагогӣ ва баланд бардоштани самаранокии таълим дар мактабҳои камнуфус мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар анҷом иштирокдорон доир ба мавзуъҳои баррасишуда мубодилаи афкор намуда, ҷиҳати татбиқи самараноки

технологияҳои педагогӣ ва муносибати босалоҳият дар амалияи таълимӣ андешаҳои худро иброз доштанд.









